**7300/12.1 аз 30.11.2012**

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти «Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26 апрели соли 2011 таҳти №4-Ф тасдиқ карда шудааст, қаблан ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол намуда буд.

Тибқи Тартиби мазкур бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст ва дар ҳолати пайдо шудани шубҳа оид ба дурустии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботи андозии андозсупорандгон барои муайян намудани ҳаҷми даромад ва хароҷоти ӯ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз муоинаи хронометражӣ гузаронида мешавад.

Бинобар сабаби дар сатҳи зарурӣ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз иҷро нагардидани талаботҳои «Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ», бори дигар Шуморо вазифадор менамоем, ки то қабул гардидани таҳрири нави “Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ» дар фаъолияти андозсупорандагон гузаронидани муоинаи хронометражӣ тибқи тартиби амалкунанда ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, ба Шумо супориш дода мешавад, ки ҳисобот аз натиҷаи муоинаҳои хронометражии гузаронидашуда дар давоми 10 моҳи соли 2012 ва минбаъд ҳармоҳ ҳисоботҳоро аз натиҷаи муоинаҳои хронометражӣ, ки дар фаъолияти субъектҳои алоҳида гузаронида шудааст то санаи 10-уми моҳи минбаъда ба Кумитаи андоз пешниҳод намоед.

Замима: Ҳисобот дар шакли ҷадвал.

Раис Н. Давлатов